аз 07.11.2024, №647

«Дар бораи ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот»

Дар асоси қарори ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз __ ноябри соли 2024, №__ бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ва ҳавасмандгардонии онҳо дар муносибатҳои андозӣ ва таъмини риояи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2021, №432, дар асоси моддаи 89 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.09.2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ҷиҳати ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот Иқдоми бурдноки «Бихар ва бурд намо» гузаронида шавад.

2. Тартиби ташкил ва гузаронидани Иқдоми бурдноки «Бихар ва бурд намо» ва ҳайати Комиссияи тадорукотии Иқдом тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

3. Муқаррар карда шавад, ки даври якуми Иқдом аз 1 декабри соли 2024 дар шаҳри Душанбе (тариқи пилотӣ) ва минбаъд дар соли 2025 дар ҳудуди ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

4. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон якҷояги бо:

- Раёсати технологияҳои иттилоотӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва Бахши робита бо воситаҳои ахбори омма ҷиҳати дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир намудани Тартиби ташкил ва гузаронидани Иқдом ва ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон тавассути васоити ахбори омма расонидани шарту муҳтавои Иқдом ва рафти он чораҷӯӣ намояд;

- Сарраёсати маъмурикунонии андоз, раёсатҳои таъмини ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории андоз, КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ», раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шаҳри Душанбе, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ барои дар сатҳи баланд баргузор намудани Иқдом чораҷӯи намоянд.

5. КВД «Маркази барномасозӣ ва маъмурикунонии андоз» вазифадор карда шавад, ки бо мақсади татбиқ ва амалии Иқдоми бурдноки «Бихар ва бурд намо» барои таҳияи модули алоҳидаи барномаи мобилӣ, чораҷӯӣ намояд.

6. Сарраёсатҳои маъмурикунонии андоз ва назорати андоз дар якҷоягӣ бо КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» рӯйхати субъектҳои хоҷагидор ва дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва таҷҳизоти интиқоли маълумот дар реҷаи вақти воқеии

субъектҳои хоҷагидори ба фурўши чаканаи молҳо (иҷрои кор, хизматрасонӣ) машѓулбударо муайян намуда, барои иштирок дар Иқдом чораҷўӣ намоянд.

7. Баъд аз қабул гардидани фармоиши мазкур, Фармоиши Кумитаи андоз аз 25.11.2021, №551 "Дар бораи ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот" бекор карда шавад.

8. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаи фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоянд.

9. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А.М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода